# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба диссертатсияи Абдуев Эмом Субҳонович дар мавзуи «Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи номзадии Абдуев Эмом Субҳонович дар мавзуи «Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ» таҳқиқи анҷомёфта маҳсуб шуда, омӯзиш ва баррасии лексикаи шоиронаро дар заминаи ғазалиёти Толиби Омулӣ, ки нигини шоирони сабки ҳиндӣ ва маликушшуарои шеъри форсӣ дар ҳавзаи адабиёти Ҳинд аст, дар бар мегирад.

Ғазалиёти Толиби Омулӣ дорои мавзуи ирфону адаб, муҳаббату самимият, одамияту меҳнатдӯстӣ ва ватанпарастӣ буда, дар сабки ҳиндӣ, эҷод гардидаанд. Ӯ бо ашъори худ дар назми форсу тоҷик саҳми босазоеро боқӣ гузоштааст. Сарфи назар аз ин, хусусиятҳои лексикии ғазалёти шоир ҳануз ба таври алоҳида мавриди омӯзиши ҷудогона қарор нагирифтааст. Бинобар ин таҳқиқи илмии мазкур хусусиёти лексикиву маъноҳои вожагони ғазалиёти шоирро муайян намуда, ба мубрамияти таҳқиқоти мазкур асос мегузорад.

Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори нахуст вижагиҳои луғавию маъноии ғазалиёти Толиби Омулӣ ба тариқи монографӣ мавриди таҳқиқи васеъ қарор гирифтаанд. Дар диссертатсия таснифоти маъноию луғавии вожагони ғазалиёти Толиби Омулӣ бо фарогирии истилоҳоти ирфонӣ ва таъбироти қуръонӣ мавриди пажуҳиши муназзам қарор дода шудааст. Дар баробари ин зимни таҳқиқ масъалаҳои болозикр ҳунари суханварӣ ва маҳорати эҷодии шоир мутаносибан ба истифодаи бамавриди вожагон, эҷоди сухани шоирона, истифодаи обуранги нотакрори маънои калимаҳо мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст.

Ҳангоми таҳлилу баррасии мавзуи таҳқиқ бештар ба таҳқиқоти муҳаққиқону олимони ватаниву хориҷӣ, ба монанди Шамс Қайси Розӣ [1991], Ибни Қутайба [1363], Абуалӣ ибни Сино [1989], Муҳаммад Закариёи Розӣ [1989], Ҷалолуддини Балхӣ [2008.], Абдурраҳмони Ҷомӣ [2014], Фахри Розӣ [1385], Шиблии Нуъмонӣ [2016], Муиззӣ [1375.], Сируси Шамисо [1390], [Нодалӣ Фалоҳ 1390], Ҳоҷӣ Ҳусайн [2012], Х. Шарифов [2005] ва осори муҳаққиқон ва шоирону нависандагони рус мисли В.И. Абаев [1962], М. М. Бахтин [1975], А. И. Карпенко [1958], Михайлов [1954], Успенский 1972], Чернышев [1947], Альтман [1958], Магазаник [1968], [Андреева [1971], М.Н. Қосимова [2003, 2008], А. Ҳасанов [2014], А. Байзоев [1999], Ахмедова М.Н. [2010], М. Қ. Саломов [2018], З. Мухторов [2001] Қ. Мухторӣ [2006] Ҳ. Маҷидов [1994] С. Ҳалимов [2002], А. Абдуқодиров [1978], А. Давронов [1998] С. Анварӣ [2007], Ш. Каримов [1990], Ш.

Исматулло [2007], Ш. Кабиров [2014], Д. Хоҷаев [2017.–330с.], А. Ҳусайнӣ [1974] таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардидааст.

Абдуев Эмом Субҳонович аз дастовардҳои навини олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар тадқиқот бамаврид истифода бурда, хулосаҳои қотеъ баровадааст. Дар ҳар бобу фасли рисола истиқлолияти фикрӣ ва дастовардҳои илмии диссертант ба назар мерасад.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсияи мавриди назар таҳлилу баррасии вижагиҳои маъноиву луғавӣ, мазмуну мундариҷа, вижагиҳои корбурд ва таснифоти лексикаи ғазалиёти Толиби Омулиро фаро мегирад. Ҳамчунонки маъруф аст, назм дар олами адаб яке аз дастовардҳои боарзишу беназир ва фарогири баҳои баланди фарҳангии башарият маҳсуб мешавад. Таҳқиқи назариявии низоми забони назм, баррасӣ ва муайян кардани ҷанбаҳои мухталифи он, замина ва роҳҳои инкишофи маъноии калимаҳо дар назм дар заминаи ғазалиёти нигини шоирони сабки ҳиндӣ Толиби Омулӣ ва ба дунболи ин баррасии масъалаҳои назарии забоншиносии назм ҳадафи асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он дорои мазмуну мундариҷаи ягона буда, натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар муқаддима аҳаммияти таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии рисола мушаххас гардидаанд. Дар баробари ин сарчашмашиносӣ ва метододогияи таҳқиқот, арзишҳои назариву амалӣ, навгониҳои илмӣ ва меҳварҳои аслии барои дифоъ манзуршаванда шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Дар боби аввали рисола – «Масъалаҳои назарии лексика дар забони назм» унвон дошта, маҷмуи масоили мавриди таҳқиқ дар доираи се фасл баррасӣ шудааст.

Боби дуввуми рисола – «Вижагиҳои луғавию маъноии лексикаи ирфонии ғазалиёти Толиби Омулӣ» ном дошта, аз панҷ фасл иборат аст.

Боби саввуми рисола – «Таснифоти мавзуии лексикаи ғазалиёти Муҳаммад Толиби Омулӣ » номгузорӣ шуда, масъалаҳои меҳварии ин боб дар доираи панҷ фасл ҳаллу фасл гардидааст.

Дар хулосаи кор мазмуну муҳтавои диссертатсия дар даҳ банд натиҷагирӣ карда шуда, мақсад ва вазифаҳои пешгузоштаи муҳаққиқ пурра дар он ҷамбаст гардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат комил дорад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ, тавсияҳои муаллиф ва муҳтавои асосии диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф дар маҷаллаҳои

шомили фехрасти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст:

**[1-М] Абдуев, Э.С.** Назаре ба зиндагиномаи Толиби Омулӣ ва забони осори ӯ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 8, 2018. – С. 163-165.

**[2-М] Абдуев, Э.С.** Шифоҳиёт ва ҳақиқат дар бораи зиндагӣ ва осори Толиби Омулӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 7, 2018. – С. 275- 278.

**[3-М] Абдуев, Э.С.** Нигини шоирони сабки ҳиндӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Носири Хусрав. – № 3, 2018. - С. 24-28.

**[4-М] Абдуев, Э.С.** Тобишҳои луғавию маъноӣ дар ғазалиёти Толиби Омулӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – № 2 (97), 2022 – С. 80 - 83.

**[5-М] Абдуев, Э.С.** Тарбияи ахлоқиву маънавии донишҷӯён дар асоси арзишҳои инсонӣ дар заминаи ашъор // Донишгоҳи давлатии Данғара. - №5 (05), 2022. -С. 182-187.

Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди он фарогири мазмуну мухтавои дисертатсия буда, ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Абдуев Эмом Субҳонович дар мавзуи «Лексикаи ғазалиёти Толиб» таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Дар асоси банди 60-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад:

1. Диссертатсияи Абдуев Эмом Субҳонович дар мавзуи «Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамоянд:

**2.1. Нуров Пирмаҳмад Гулович** – доктори илми филология, мудири шуъбаи илмию ташкилии Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

2.2. **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славиянии Россия ва Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод карда мешавад;**

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Қосимов О.Ҳ.
Имзои Қосимов О.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон — Юсупова Б.Ғ.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кучаи Ф. Муҳаммадиев 17/6
Тел: (+992) 937693333

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор
узви Шурои диссертатсионӣ — Гадоев Н.

Имзои Н. Гадоев-ро тасдиқ менамоям
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода А.
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кучаи Рӯдакӣ 121
Тел: (+992) 985380054

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илми филология, дотсент
узви Шурои диссертатсионӣ — Мирбобоев А.

Имзои А. Мирбобоев-ро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳои Иниститути забон
ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Нарзиқулова Ҳ.
Суроға: 734025 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21
Иниститути забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ
Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Тел: (+992) 935846542

«28» 07 соли 2023